# ВАЗОРАТИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

«16» 04. 2018с. №104 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Дастурамали одоби касбии кормандони соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо мақсади иҷрои банди 2 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2015, № 591 «Дар бораи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо назардошти банди 8 Низомномаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2011, №250 тасдиқ шудааст ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулгардидаи соҳавӣ, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурамали одоби касбии кормандони соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи замимаи пешниҳодшуда тасдиқ карда шавад.
2. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус, корхонаву муассисаҳои тобеъи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷиикстон вазифадор карда шаванд, ки омӯзиши пурраи Дастурамали одоби касбии кормандони соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳ монда, риояи ҳатмии онро аз тарафи кормандон таъмин намоянд.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми Вазир – Мирзоев С.Б. вогузор карда шавад.

Вазир Х.Худоёрзода

Нусхаи Фармоиши мазкур ба ҳамаи раёсат, шуъба, бахшҳои Дастгоҳи марказӣ ва корхонаву муассисаҳои тобеъи вазорат дастрас карда шавад.

**Фармоишро таҳия кард:**

Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус О. Сайдвалиева

**Мувофиқа шуд:**

Раёсати нақлиёти рӯизаминӣ Ф. Неъматзода

Раёсати сохтмон ва хоҷагии роҳҳо А. Аноятшоев

Раёсати таҳлил ва дурнамои иқтисодӣ Ш.Саидмуродова

Раёсати робитаҳои байналмилалӣ Ф. Ёқубзода

Раёсати молия ва баҳисобгирии муҳосибавӣ Ш. Аскарова

Раёсати корҳо С. Усмонов

Бахши ҳуқуқ З. Ҳафизов

Бахши аудити дохилӣ М. Мусоев

# ДАСТУРАМАЛИ
## ОДОБИ КАСБИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дастурамали одоби касбии кормандони соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- Дастурамал) маҷмӯи меъёрҳо, принсипҳо ва қоидаҳои рафтори хизматӣ ва ғайрихизматии кормандони соҳаи нақлиётро, ки сифатҳои ахлоқии фаъолияти касбӣ ва рафтори ӯро дар кор ва ҷомеа таҷассум намуда, ифодагари арзишҳои эътирофшудаи ахлоқи инсонӣ, талаботи маънавии ҷамъият нисбат ба корманди соҳаи нақлиёт мебошанд, танзим менамояд.

Дастурамали одоби касбӣ бо мақсади дар сатҳи баланд ба роҳ мондани фаъолияти касбӣ ва ғайрикасбии кормандони соҳаи нақлиёт, расидан ба ҳадафҳои муайян дар соҳаи нақлиёт, дар сатҳи дахлдор ба роҳ мондани хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт, баланд бардоштани нуфузи соҳаи нақлиёт ва кормандони он дар ҷомеа, пешгирӣ ва аз байн бурдани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда қабул гардидааст.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Муқаррароти Дастурамали мазкур нисбат ба кормандоне, ки вазифаҳоро дар муассиса, корхона ва чамъиятҳои системаи нақлиёт мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ишғол менамоянд, татбиқ мегардад.

2.Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар муассиса, корхона ва ҷамъиятҳои системаи нақлиёт ба кор дохил мешавад, ба Дастурамали мазкур шинос шуда, вазифадор аст талаботи онро ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти хизматӣ ва ғайрихизматӣ риоя намояд.

## БОБИ 2. ПРИНСИПҲОИ ОДОБИ КАСБИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

3.Кормандони соҳаи нақлиёт дар фаъолияти хизматӣ ва ғайрихизматии худ ӯҳдадоранд, ки принсипҳои зерини Дастурамали мазкурро риоя намоянд:

-қонуният - риояи дақиқ ва иҷрои пурраи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст;

-афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд - таъмини ҳифз ва мусоидат ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дорои арзиши олӣ мебошанд;

- садоқат ба Ватан ва ба халқи Тоҷикистон - ҳисси муҳаббат ба Ватан ва халқи Тоҷикистон, садоқат ба сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи муқаддас донистани ҳифзи Ватан, хизмати содиқона ба Ватан ва ҷомеаи Тоҷикистон;

-инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ - муносибати эҳтиромона ба инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он, ки арзишҳои олӣ мебошанд, одилона, бовиҷдонона амал намудан, таъмини риояи адолати иҷтимоӣ зимни қабули қарорҳо;

-шаффофият дар иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавӣ - фаъолияти шаффофи корманд ва пешниҳоди маълумот дар бораи он ба ҷомеа, аз ҷумла тавассути воситаҳои ахбори омма, ба ҷуз фаъолият ва маълумоте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳад;

-таҳаммулпазирӣ - эҳтиром ва дуруст дарк намудани фарҳангҳои мухталиф, рафтор, одат, ақида, дин, муносибати эҳтиромона бо ҳамкорон, муроҷиаткунандагон, тобеон ва ҷомеа;

-поквиҷдонӣ ва беғаразӣ - татбиқи идоракунии самаранок, роҳ надодан ба бархӯрди манфиатҳо, амалҳои коррупсионӣ, аз рӯи таъинот ва ба нафъи умум истифода кардани воситаҳои моддию пулӣ, беғараз будан дар қабули қарорҳо;

-қатъият - муносибати сахтгирона доштан ва масъулият зоҳир кардан дар татбиқи вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва ӯҳдадориҳои вазифавӣ;

-касбият ва салоҳиятнокии корманд - доштани донишҳои мушаххаси касбӣ, тахассус, маҳорат, малака, сифатҳои ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, шахсӣ, қобилияти идоракунӣ, маҳорати роҳбарӣ ва ботаҷрибагӣ, ки асоси иҷрои муваффақонаи вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва ӯҳдадориҳои вазифавӣ мегарданд;

-баландравии вазифавии корманд дар асоси қобилият, истеъдод, тайёрии касбӣ ва талаботи тахассусӣ - таъин (интихоб) гардидан ба вазифаи дигар ё вазифаи баланд бо назардошти роҳ надодан ба хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ ва пуштибонӣ ҳамчун зуҳуроти кирдорҳои коррупсионӣ.

4.Дастурамали мазкур ба дигар принсипҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрҳои муқарраргардидаи рафтор низ асос меёбад.

## БОБИ 3. ҚОИДАҲОИ РАФТОРИ ХИЗМАТӢ ВА ҒАЙРИХИЗМАТИИ КОРМАНДИ СОҲАИ НАҚЛИЁТ

**5. Корманди соҳаи нақлиёт бояд:**

-фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», “Дар бораи нақлиёт”, «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар қонунҳо, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, Низомномаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои ҳайати Мушовараи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

санадҳои аз ҷониби роҳбарони зерсохторҳо қабулгардида ва меъёрҳои фитрии аз тарафи ҷомеа эътирофшудаи ахлоқӣ ба роҳ монад;

-ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, эҳтиром, риоя ва ҳифз намояд, ба таърихи кишвари худ, ба урфу одатҳои миллӣ ва фарҳангӣ эҳтиромона муносибат намояд, манфиати давлатро аз манфиати шахсӣ боло гузорад ва нисбати муроҷиати шаҳрвандон бодиққат ва бомасъулият муносибат кунад;

-аз истифодаи мақоми хизматӣ, зуҳури ғарази шахсӣ ва худнамоӣ дар нуқтаҳои савдо, хизматрасонӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ худдорӣ намояд;

-маъракаҳои бодабдаба, ки бархилофи қонунгузорӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо сурат мегиранд, нагузаронад ва ба сӯйистеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ роҳ надиҳад;

-аз таъсири шаҳрвандони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ вобаста набошад;

-одилона амал намуда, ҳангоми қабули қарор ва амалӣ намудани ваколатҳои худ корманди соҳаи нақлиёт ҳуқуқ надорад, ки дар асоси мансубияти миллӣ, нажодӣ, ҷинсӣ, забонӣ, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсил, вазъи иҷтимоӣ, молу мулк ва дигар асосҳо ба шахсе хилофи қонунгузорӣ бартарият ва имтиёз диҳад;

-ба урфу одатҳои миллатҳо таҳаммулпазирӣ ва арҷгузорӣ намуда, хусусиятҳои фарҳангӣ ё дигар хусусиятҳои гурӯҳҳои этникӣ ва иҷтимоиро ба инобат гирифта, ба созиши байни миллатҳо мусоидат намояд;

-аз ҷумла кормандони КВД “Роҳи оҳани Тоҷикистон” ва Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт дар фаъолияти худ санъати сухан, қоидаҳои умумии муошират ва пӯшидани либосро мутобики расмиёти одоби кории худ, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа тасдиқ гардидаанд, риоя кунанд.

-дар фаъолияти касбии худ поквиҷдонона ва беғаразона амал намуда, ба шаъну шараф, обрӯю эътибори корманди давлатӣ ва мақомоти давлатӣ иснод наоварад;

-ҷиҳати роҳ надодан ба бархӯрди манфиатҳо, ҷиҳати танзими ҳолатҳои пайдошудаи бархӯрди манфиатҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чора андешад ва ҳаракатҳоеро, ки ба таъсири манфиатҳои шахсӣ, молумулкӣ (молиявӣ), тиҷоратӣ ва дигар манфиатҳо иртибот доранд ва барои бовиҷдонона иҷро кардани ӯҳдадориҳои вазифавӣ монеа мешаванд, истисно намояд;

-ба кирдорҳои коррупсионӣ муқовимат намояд, ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи онҳо тадбирҳо андешад, ба гирифтан ва додани ҳар гуна тӯҳфаҳо барои иҷрои вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва ӯҳдадориҳои вазифавии худ, аз ҷумла ҳангоми дар сафари хизматӣ дар шакли моддӣ (пул, тӯҳфа) ва дар шакли ғайримоддӣ (хизматрасонӣ), ба истиснои ҳолатҳои пешбинишудаи қонунгузорӣ роҳ надиҳад;

-ба роҳбари худ ё мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бораи муроҷиати шахсон бо мақсади моил кардани ӯ барои содир намудани кирдорҳои коррупсионӣ

маълумот диҳад ва аз иштирок дар амалҳое, ки беғаразии ӯ зери шубҳа қарор мегирад, даст кашад;

-воситаҳои давлатии (шабакаи Интернет, шабакаи дохилӣ, почтаи электронӣ, телефон, факс, нусхабардор, дигар таҷҳизот, воситаҳои нақлиёти хизматӣ, арзишҳои моддию ғайримоддӣ) ба ӯ пешниҳодшударо барои манфиатҳои хизматӣ истифода намояд;

-дар муносибатҳои хизматӣ ва ғайрихизматӣ хоксору хушмуомила буда, интизоми давлатӣ ва хизматиро риоя намояд.

-фарҳанги одоби либоспӯшии миллиро риоя намуда, дар бораи таърих ва гузаштагони миллати худ маълумоти дақиқ дошта бошад;

-ба ташрифоварандагон таваҷҷӯҳ карда, ба арзи онҳо таҳаммулпазирона муносибат намояд ва ба онҳо тартиби баррасии мурочиатхо ва қонунгузории дахлдорро фаҳмонда, дар доираи салоҳият қарор қабул намояд;

-аз муҳокима ва баҳодиҳии шахсии фаъолияти Вазир, роҳбарият ва кормандонаш худдорӣ намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар чунин вазифа аз ҷониби роҳбарият расман ба дӯши ӯ вогузор шуда бошад;

-ҳангоми муошират бо шаҳрвандони хориҷӣ обрӯю нуфузи мақомоти давлатӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро паст назанад, масъалаҳои ба доираи ӯҳдадориҳои мансабӣ дохилнабударо муҳокима нанамояд;

-ҳангоми сафар ба хориҷи кишвар дар мавриди муошират бо шаҳрвандони хориҷӣ хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии шаҳрвандони хориҷиро ба инобат гирифта, дар муносибат ва рафтор урфу одатҳои хуби миллиро ба ҷо оварад;

-дар муошират бо шаҳрвандони хориҷӣ аз айбдоркунӣ, муттаҳамкунӣ ва таҳдид худдорӣ намуда, дар мавриди сар задани нофаҳмиҳо кӯшиш ба харҷ диҳад, ки мусоҳиба дар фазои дӯстона ва ором ба анҷом расонида шавад;

-зимни гузаронидани вохӯриҳо, муҳокимаҳо ва муоширатҳои расмӣ аз тановули хӯрок, тамокукашӣ, истифодабарии телефонҳои мобилӣ (зимни рафти чорабинӣ) худдорӣ намояд;

-дар доираи ӯҳдадориҳои вазифавии худ ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма оид ба иттилоотонии ҷомеа дар бораи кори мақоми давлатӣ барои гирифтани иттилооти дақиқ, ки қонунгузорӣ пешбинӣ кардааст, мусоидат намояд;

**6.Корманди соҳаи нақлиёт набояд:**

-то қабул намудани қарор, фармоиш, амр ё дигар қарори шахси мансабдор ё мақомоти давлатие, ки дар он фаъолият мекунад, маълумотро дар бораи онҳо, ҳамчунин иттилооти нопурра ва дурӯғро паҳн намояд ва ё барои гирифтани иттилооти хизматӣ, ки ба ваколати ӯ дохил намешавад, кӯшиш кунад;

-пешниҳоди шаҳрвандон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳои касбӣ, намояндагони воситаи ахбори омма, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятиро, ки ба талаботи Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии хукукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифанд, қабул намояд.

-вазъи хизматии худро барои таъсир расонидан ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандон сӯистифода намояд;

-фикри худро оид ба масъалаҳои сиёсати давлатӣ ва фаъолияти хизматӣ баён намояд, агар он ба самтҳои асосии сиёсати давлат мувофиқ набошад;

-иттилооти хизматиро паҳн кунад, ки барои ба маълумоти умум расонидани он иҷозат набошад ё сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда бошад, нисбат ба шахсони мансабдори давлатӣ ифодаҳои аз одоб берунро доро бошад.

7.Корманди соҳаи нақлиёт, ки ваколатҳои ташкилию амрдиҳӣ ва ё маъмурию хоҷагидориро анҷом медиҳад, ӯҳдадор аст, ки ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо ба хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ ва пуштибонӣ ҳамчун зуҳуроти кирдорҳои коррупсионӣ роҳ надиҳад.

8.Корманди соҳаи нақлиёт, ки мансаби роҳбарикунандаро ишғол менамояд, бояд ҷиҳати риояи одоб ва ташкили шароити мувофиқ барои кори тобеони худ мусоидат намояд.

9.Хизматчиёни давлатие, ки дар дастгоҳи марказии вазорат фаъолият менамоянд, талаботҳои муайяншудаи либоси расмиро ҳатман риоя намоянд.

10.Хизматчиёни давлатии дастгоҳи марказии вазорат зимни ворид ва хориҷ шудан аз/ба вазорат худро бояд дар дафтарҳои бақайдгирӣ қайд намоянд.

## БОБИ 4. НАЗОРАТИ РИОЯИ ДАСТУРАМАЛИ МАЗКУР. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯ ОИД БА ОДОБИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ НАҚЛИЁТ

11.Назорати риояи Дастурамали мазкур дар мақоми давлатӣ аз тарафи комиссия оид ба одоби кормандони соҳаи нақлиёт (минбаъд-комиссия) амалӣ карда мешавад. Комиссия бо фармоиши роҳбари мақоми давлатӣ дар ҳайати раис, котиб, аъзои комиссия иборат аз 3 то 7 нафар аз ҳисоби хизматчиёни давлатӣ, кормандони соҳаи нақлиёт, аъзои кумитаи иттифоқи касаба таъсис дода мешавад ва мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Дастурамали мазкур ва Низомномаи комиссия, ки аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ тасдиқ карда мешавад, фаъолият менамояд. Ба ҳайати комиссия мумкин аст кормандони ташкилотҳои низоми мақоми давлатӣ, вакилони Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва вакилони ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти дахлдор ворид карда шаванд.

12.Роҳбари мақоми давлатӣ раиси комиссия буда наметавонад.

13.Аъзои комиссия дар ҷаласа бе ҳуқуқи овоздиҳӣ иштирок мекунанд.

14.Комиссия аз рӯи асосҳои зерин ҷаласа доир менамояд:

-дастури роҳбари мақоми давлатӣ;

-муроҷиати корманди соҳаи нақлиёт;

-муроҷиати хаттии шаҳрвандон;

-дар мавриди аз тарафи комиссия ошкор намудани ҳолатҳои вайрон гардидани талаботи Дастурамали мазкур.

15.Ҷаласаҳои комиссия дар 3 моҳ як маротиба ва ё бе маҳдудияти мӯҳлат аз рӯи зарурат гузаронида мешаванд.

16.Комиссия ҷаласаи худро дар муддати 20 рӯзи корӣ аз рӯзи ошкор шудани ҳолатҳои вайрон гардидани талаботи Дастурамали мазкур мегузаронад.

17.Ҷаласаи комиссия ҳамон вақт салоҳиятнок ҳисобида мешавад, ки дар кори он аз се ду ҳиссаи ҳайати он иштирок дошта бошанд.

18.Комиссия аз ҳисоби аъзои комиссия оид ба масъалаи дар ҷаласаи комиссия баррасишаванда маърӯзачиро муайян менамояд ва аз шахсони дахлдор оид ба ҳолати вайрон гардидани қоидаҳои Дастурамали мазкур баёнот мегирад.

19.Комиссия дар доираи салоҳияти худ аз натиҷаи муҳокима яке аз қарорҳои зеринро қабул намуда, ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод менамояд:

-дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани корманди соҳаи нақлиёт;

-дар бораи фиристодани мавод ҷиҳати баррасӣ ба мақоми ваколатдори давлатӣ;

-дар бораи қатъ намудани баррасӣ.

20.Қарори комиссия дар ғоибии корманд бо овоздиҳии аксарияти иштироккунандагони ҷаласа қабул карда мешавад. Ҳангоми баробар будани овозҳо овози раиси комиссия ҳалкунанда ҳисоб меёбад.

21.Рафти ҷаласаи комиссия ва қарори он бо протокол ба расмият дароварда мешавад. Дар рафти ҷаласа мумкин аст сабтҳои аудиоӣ ва видеоӣ истифода гарданд, ки онҳо низ ба протокол замима карда мешаванд.

22.Ба протокол раис ва котиби комиссия имзо мегузоранд.

23.Қарори комиссия ба роҳбари мақоми давлатӣ ва ё ба роҳбари бевоситаи корманди соҳаи нақлиёт пешниҳод карда шуда, барои татбиқи муҷозоти интизомӣ тибқи қонунгузорӣ асос мегардад.

24.Роҳбари мақоми давлатӣ ва ё роҳбари бевоситаи корманди соҳаи нақлиёт дар мавриди ошкор намудани ҳолатҳои нопуррагӣ ё вайрон кардани талаботи Дастурамали мазкур метавонад маводро ҷиҳати баррасии иловагӣ ё такрорӣ ба комиссия баргардонад.

25.Нисбати қарори комиссия, қарори роҳбари мақоми давлатӣ ва ё роҳбари бевоситаи корманди соҳаи нақлиёт дар мӯҳлати як моҳи эътибори қонунӣ пайдо намудан ба комиссия, роҳбари мақоми давлатӣ ва ё роҳбари бевоситаи корманди соҳаи нақлиёт, мақомоти болоӣ, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ё суд шикоят кардан мумкин аст, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

26.Шикоятро мақоми дахлдор аз болои қарори комиссия, роҳбари мақоми давлатӣ ва ё роҳбари бевоситаи корманди соҳаи нақлиёт баррасӣ намуда, дар сурати ошкор шудани ҳолати риоя нагардидани тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ ба комиссия, роҳбари мақоми давлатӣ ва ё

роҳбари бевоситаи корманди соҳаи нақлиёт дар бораи бекор кардани қарори қабулшуда пешниҳод манзур менамояд.

27.Ба вазифаҳои комиссия дохил мешаванд:

-амалӣ намудани назорати иҷрои муқаррароти Дастурамали мазкур дар дастгоҳи марказии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассиса ва корхонаҳои зертобеи он;

-баррасии ҳолатҳои вайрон намудани муқаррароти Дастурамали мазкур аз тарафи кормандони соҳаи нақлиёт;

-гузаронидани санҷиш ва рейдҳои ногаҳонӣ дар вазорат, муассиса ва корхонаҳои зертобеи он;

-доир намудани ҷаласаҳои комиссия;

-гирифтани баёноти шифоҳӣ ва хаттӣ аз кормандони дахлдор оид ба масъалаи баррасишаванда;

-бо тартиби муқарраргардида талаб намудани ҳуҷҷатҳо, мавод ва иттилоот аз мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дахлдор;

-ҷалб намудани коршиносон (экспертҳо), мутахассисон ва кормандони дахлдори мақоми давлатӣ барои пешниҳоди хулоса;

-баррасии шикоятҳои кормандон нисбат ба қарорҳои комиссия;

-машварат додан ба кормандон оид ба масъалаҳои одоб;

-гузаронидани чорабиниҳои омӯзишии Дастурамали мазкур;

-фаҳмондадиҳии муқаррароти Дастурамали мазкур.

28.Раиси комиссия:

-фаъолияти комиссияро ташкил менамояд ва онро роҳбарӣ мекунад;

-рӯзномаи ҷаласаи комиссияро муайян мекунад;

-ҷаласаи комиссияро даъват менамояд ва ба он раисӣ мекунад;

-кормандони мақомоти давлатӣ, муассиса ва корхонаҳои зертобеи вазоратро, ки баррасии масъала ба ваколати онҳо мансуб аст, ба кори комиссия ҷалб менамояд;

-дар хусуси ворид намудан ба ҳайати комиссия ё бозхонди аъзои он ба роҳбари мақоми давлатӣ таклиф пешниҳод менамояд;

-ба ҳуҷҷатҳои комиссия ва протоколи ҷаласаи комиссия имзо мегузорад.

30.Котиби комиссия:

-кори комиссияро дар мувофиқа бо раиси комиссия ташкил мекунад;

-коргузории комиссияро пеш мебарад;

-кормандро бо маводҳое, ки нисбаташ баррасӣ мегарданд, на дертар аз 3 рӯз то оғози ҷаласаи комиссия шинос менамояд;

-дар бораи ҷой ва вақти гузаронидани ҷаласаи комиссия аъзои комиссия ва шахсонеро, ки нисбати онҳо ва аз рӯи муроҷиати онҳо мавод баррасӣ карда мешавад, хабардор менамояд;

-протоколи ҷаласаи комиссияро тартиб медиҳад ва ба он имзо мегузорад;

-кормандро бо қарори комиссия дар давоми 1 рӯзи корӣ ва қарори роҳбари мақоми давлатӣ ва ё роҳбари бевоситааш дар давоми 3 рӯзи корӣ шинос менамояд;

-чорабиниҳои омӯзишии Дастурамали мазкурро ташкил мекунад;

-фаҳмондадиҳии муқаррароти Дастурамали мазкурро ба роҳ мемонад;

-фаъолияти комиссияро тарғиб менамояд.

30.Маводҳо оид ба вайрон кардани қоидаҳои Дастурамали мазкур нисбат ба аъзои комиссия аз тарафи ҳайати мушовараи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

31.Риояи қоидаҳои Дастурамали мазкур ӯҳдадории корманди соҳаи нақлиёт буда, риоя накардани он боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

32.Риояи меъёрҳои Дастурамали мазкур ҳангоми гузаронидани аттестатсия, иштирок дар озмун, таъин (интихоб) кардани корманд ба вазифа, бо мукофотҳо сарфароз гардонидан, дохил кардан ба захираи кадрҳо барои ишғоли вазифаи баландтар, таҳияи тавсифнома ё тавсиянома ва ҳангоми ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан ба инобат гирифта мешаванд.

33.Роҳбари мақоми давлатӣ ва ё роҳбари бевоситаи корманд бояд барои пешгирии вайрон намудани қоидаҳои Дастурамали мазкур тадбирҳои зеринро андешад:

-дар асоси пешниҳоди комиссия бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намудани муҷозоти интизомӣ;

-гузаронидани машварату семинарҳо дар бораи омӯзиши Дастурамали мазкур;

-андешидани дигар чораҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

34.Ҳангоми дар амалу кирдорҳои корманди соҳаи нақлиёт мавҷуд будани аломатҳои таркиби ҷиноят ё кирдорҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки баррасии онҳо салоҳияти дигар мақомоти давлатӣ мебошанд, маводи дахлдор бо тартиби муқарраргардида ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ё ба мақомоти ваколатдори давлатӣ ҷиҳати ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан фиристода мешаванд.